ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Каримзода Фирдавс Убайдулло дар мавзуи «Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ. шаҳри Душанбе, 2025. – 164с.

Диссертатсияи Каримзода Фирдавс Убайдулло дар мавзуи «Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд» ба шиносномаи КОА-и назди Президенти ҶТ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ ба бандҳои 1, 3 ва 4 мувофиқат мекунад.

Мувофиқи банди 1. Таҳқиқоти асосҳои назариявии технологияи фарматсевтӣ, валидатӣ, идоракунии хавф, интиқоли технология аз марҳилаи коркарди фарматсевтӣ то ба истеҳсоли силсилавӣ;

Мувофиқи банди 3. Коркарди технологияи ба даст овардани маводи ибтидоӣ ва шаклҳои тайёри доругӣ;

Мувофиқи банди 4. Таҳқиқот оид ба омӯзиши махсусиятҳои технологии ба даст овардани шаклҳои тайёри доругӣ аз намудҳои гуногуни маводи ибтидоӣ (субстансия), ашёҳо ва моддаҳои ёрирасон.

Рисола ба шиносномаи КОА-и назди Президенти ҶТ оид ба ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда ба бандҳои 1, 3 ва 4-и шиносномаи ихтисоси Технологияи тавлиди доруворӣ мувофиқат мекунад.

Мубрамии мавзуъи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки бемориҳои дилу рагӣ (БДР), бахусус, бемории ишемияи дил ва фишорбаландии шараёнӣ, инчунин, бемориҳои мағзисарӣ сабабҳои асосии корношоямӣ, маъюбӣ ва фавти аҳолии бисёр кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва рӯ ба инкишоф, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд

Олами наботот ва таркиби флораи Тоҷикистон ғанӣ буда, тақрибан 5000 намудро ташкил медиҳад, ки дар ин радиф омӯзиши растаниҳои доругӣ нақши илмӣ-амалӣ дорад.

Бо мақсади истифодабарии самарноки растаниҳои доругӣ, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 октябри соли 2020, таҳти №569 «Барномаи давлатии рушди саноати дорусозӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» қабул карда шудааст.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти минбаъдаи диссертант дар ин самт нисбат ба объекти мушаххас – меваҳои дӯлонаи туркистонӣ (МДТ), ки дар Тоҷикистон мерӯяд, ба мақсад мувофиқ ва дар амал аҳаммияти калон дошта, дар баробари ин бо назардошти дастрасии васеи манбавӣ барои таҳияи шаклҳои доругии БДР дурнамои васеи тиббӣ ва иқтисодӣ дорад. Ҳамзамон, таҳияи доруҳои нави гиёҳҳои шифобахши ватанӣ яке аз масъалаҳои актуалии дорусозии муосир ба шумор меравад.

Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.

Доир ба хусусиятҳои шифобахшии меваҳои дӯлонаи туркистонӣ дар ҷараёни таҳқиқот:

- бори аввал дастурамали ҷамъоварии меваҳои дӯлонаи туркистонӣ коркард карда шудааст.
- ба даст овардани технологияи истеҳсоли экстрактҳои моеъ ва хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ, инчунин ғилофакҳои сахти желатинии «Дӯлона-кард»-ро пешниҳод кардааст.
- шароити нигоҳдорӣ барои экстракти хушк ва ғилофакҳои «Дӯлона-кард», инчунин устувории онҳоро дар давоми муҳлати пешбинишуда муқаррар намудааст.
- дар асоси омӯзиш ва таҳқиқотҳо бехатар будани ғилофакҳои «Дӯлона-кард» экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистониро муайян ва имконияти дар амалияи тиббӣ ва фарматсевтӣ истифода бурдани онҳоро пешниҳод намудааст.
- бастаи ҳуҷҷатҳои меъёрию техникиро барои ашёи хоми «Меваҳои дӯлонаи туркистонӣ», инчунин шаклҳои доругии «Экстракти моеи меваҳои дӯлонаи туркистонӣ»; «Экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ» ва ғилофакҳои сахти желатинии «Дӯлона-кард» таҳия намудааст.

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта; натиҷаҳои бадастомадаро таҷрибаҳои бисёркарата ва озмоишӣ, истифодаи усулҳои маъмул ва таҳлили оморӣ тасдиқ менамояд. Инчунин, натиҷаи диссертатсия метавонад дар амалияи таҳқиқотии илмӣ дар мукаммалгардонии маълумотҳои назариявӣ истифода шаванд. Мавод барои БДР, бахусус, бемории ишемияи дил ва фишорбаландии шараёнӣ, хизмат карда метавонад ва эътимоднок ҳисобида мешавад.

Ҳаҷм ва сохтори диссератсия. Диссертатсия дар 164 саҳифаи матни компютерӣ пешниҳод шуда, фарогири муқаддима, 6 боб, хулоса ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот мебошад. Адабиёти истифодашуда аз 156 номгӯй иборат буда, аз он 21 адади он ба муаллифони хориҷӣ мансубанд. Натиҷаи кори илмӣ ва таҳлили рақамҳо дар 24 расм ва 41 ҷадвал тасвир ёфтааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия муҳтаво, мақсад ва вазифаҳои мавзуъ шарҳ дода шудааст, ки объект, усулҳои таҳқиқот навгонии илмӣ, аҳамияти амалии натиҷаҳо ва саҳми шахсии довталаби унвони илмӣ, мазмуни рисоларо пурра менамояд.

Дар боби якум таҳқиқоти муосири ашёи хоми растаниҳои доругӣ ва дурнамои истифодаи маводи доругии растанигӣ дар табобати бемориҳои дилу рагӣ нишон дода шудааст. Оид ба вазъияти имрӯзаи паҳншавии бемориҳои дилу рагӣ маълумотҳо рӯи кор омадааст. Қайд гардидааст, ки истифодаи доруҳои растаниҳои шифобахш барои пешгирӣ ва табобати бемориҳои дилу рагӣ дар шароити муосир мубрам мебошад. Асосҳои назариявӣ ва амалии технологияи маводи доругии растанигиро масаълагузорӣ намудааст.

Ҳамчунин маълумот оид ба хатари сартосарии бемориҳои дилу рагиро ба рушди иҷтимоию иқтисодии сатҳи ҷаҳонӣ бо истифода аз сарчашамаҳои боэътимод, ва далелҳои асоснок ҷамъоварӣ кардааст, ки мубрамияти мавзуи диссертатсияро баҳогузори менамояд.

Дар боби дуюм довталаби дараҷаи илмӣ барои ноил шудан ба мақсади худ, усулҳои таҳқиқи физикию-химиявӣ, таҳқиқи макроскопӣ ва микроскопии ашёи хоми МДТ, ба даст овардани экстрактҳо, муайянкунии нишондиҳандаҳои фармако-технологӣ, технологияҳои ба даст овардани шаклҳои доругӣ ва мундариҷаи минбаъдаи корро тартиб додааст. Нишон додааст, ки растании дӯлонаи туркистонӣ, оилаи садбарггулон – Rosaceae, дар аксарияти ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон васеъ паҳн шудааст ва дар таҷрибаи тиббӣ, ҳангоми БДР, ба таври васеъ истифода бурда мешавад.

Дар боби сеюми диссертатсия омӯзиши фитохимиявии меваҳои дӯлонаи туркистонӣ ва таҳқиқи фитохимиявии шаклҳои гуногуни экстракти меваҳои дӯлонаи туркистонӣ таҳқиқ шудааст. Нишон додашудааст, ки рушд ва такмилёбии усулҳои муосири таҳқиқи физикӣ-химиявӣ дар солҳои охир, алахусус усулҳои: хроматографияи маҳинқабат, хроматографияи баландмаҳсули моегӣ, хроматографияи газӣ, спектроскопияи инфрасурх ва ултрабунафш, резонанси магнитии ядро ва таҳлили элементӣ ба омӯзиши моддаҳои табиӣ (флавоноидҳо, кислотаҳои органикӣ, карбогидратҳо, гликозидҳо, алкалоидҳо, кислотаҳои каҳвагӣ, хлорогенӣ, моддаҳои даббоғӣ, сапонинҳои тритерпенӣ, равғанҳои эфирӣ ва чарбӣ, витаминҳо, фитогормонҳо ва ғайра) ҷиҳати боз ҳам чуқуртар омӯхтани моддаҳои растанигӣ, ҷудокунии онҳо ва муқаррар намудани таркиб, сохт, алоқамандии байни сохт, фаъолнокии фармкологӣ ва муайян кардани нақши физиологӣ дар ҳаёти растаниҳо имкон фароҳам овардааст. Қабл аз ин ошкорсозии табиати моддаҳои табиӣ, хусусияти шифобахшии растаниҳои доругӣ ва омӯзиши химиявии онҳо дар тибби илмӣ ва халқӣ душвор буд, ҳоло бошад, бо рушди таҷҳизотҳои замони муосир имкони воқеӣ пайдо гардидааст.

Дар боби чорум ба даст овардани маводи доругии экстраксиявӣ (фитодоруҳо) дар асоси МДТ яке аз самтҳои ояндадори истеҳсолоти саноати фарматсевтии ватанӣ мебошад. Технологияҳои истеҳсоли доруҳои экстраксиявӣ ба ҳама маълуманд. Аммо вақте сухан дар бораи истифодаи навъҳои нави маводи доругӣ меравад, ин технологияҳо аз рӯйи қонуниятҳои истихроҷи МФБ ва таркиби як гурӯҳи муайяни онҳо, равишҳо ва коркардҳои инфиродиро талаб мекунанд.

Барои муайян кардани усулҳои самаранок ва камхарҷи истихроҷ дар шароити муосир аз рӯйи муайян кардани баромади МФБ ва боқимондаҳои хушк аз МДТ гузаронида шудааст, ки диссертант инро хуб баҳогузорӣ намудааст.

Дар боби панҷум таҳияи таркиб ва технологияи ғилофакҳо дар асоси экстракти хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ баҳогузорӣ мегардад. Даи инҷо нишон дода шудааст, ки ғилофакҳо чунин шаклҳои доругӣ ба шумор мераванд, ки муҳлати дарози истифодабарӣ, устувории таркиб ва дастрасии

биологии хуби онҳо ба организм маъруфият пайдо кардаанд. Ин бартариятҳоро онҳо на танҳо аз ҳисоби ҷилди устувори худ, балки ҳамчун аз ҳисоби устувории таркиби дохилӣ дар тамоми муҳлати истифодабарӣ ба даст овардаанд. Аз ин рӯ, дарёфтан ва интихоби таркибе, ки тамоми талаботҳои фармако-технологии доругиро қонеъ карда тавонад, яке аз масъалаи марказии тарроҳии шакли доругии ғилофакӣ ба шумор меравад.

Дар боби шашум баррасии натиҷаҳои таҳқиқот ба таври муфассал муҳокима шудаанд. Барои инъикоси мухтасари моҳияти кор дар ин қисмат муҳимтарин натиҷаҳои таҳқиқот мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифта, зина ба зина дар ҳар як боб нишон дода шудааст.

Хулоса аз 5 банд иборат буда дар онҳо оид ба вазъи имрӯзаи истифодаи растаниҳои шифобахш дар табобати бемориҳои дилу рагӣ ва омӯзиши адабиётҳо нишон дода шудааст. Ҳамчунин дар асоси таҳлилу омӯзишҳои гузаронидашуда барои МДТ, экстрактҳои моеъ ва хушки меваҳои дӯлонаи туркистонӣ, инчунин ғилофакҳои «Дӯлона-кард» регламентҳои технологӣ ва дастурҳои фармакопеӣ таҳия ва тасдиқ карда шудаанд.

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия; таҳқиқоти мазкур саҳми калонест дар омӯзиши растаниҳои доругӣ ва омӯзиши усули самараноки коркарди дору дар Тоҷикистон.

Маълумотҳои бадастомада барои омода намудани маводи доругӣ ва коркарди он дар соҳаи фарматсевтӣ пешниҳод карда мешавад.

Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Мазмуни асосии рисола дар 12 мақолаҳои илмӣ, аз он ҷумла 6-то дар маҷаллаҳои ба номгӯйи маҷаллаҳои бонуфузи илмӣ воридшуда, ки мувофиқи талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шуданд, чоп шудаанд.

Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия, рисолаи номзадии Каримзода Фирдавс Убайдулло дар мавзуи «Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд», ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба шурои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, таҳти №267) ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи маскур баъзе камбудиҳо ва хатогиҳои имлоию грамматикӣ ҷой доранд:

1. Дар муқаддима муҳимияти кор тавқият дода шавад;
2. Хуб мешуд, ки баъзе аз ҷадвал ва нақшаҳо дар замима оварда мешуд;
3. Дар баъзе ҷадвалҳо солҳои таҳқиқот оварда нашудааст;
4. Дар матн хатогиҳои имлоӣ, сабкӣ ва услубӣ ҷой доранд.

Хатогиҳои дар боло зикр гардида арзиши илмии рисоларо паст наменамоянд, натиҷаҳои асосӣ ва хулосаи пешниҳодгардидаи диссертатсия мусбат арзёбӣ карда мешавад.

Дар умум, кори рисола дар мавзуи хеле муҳим баррасӣ карда шудааст. Ин кори илмӣ-таҳқиқотӣ ба анҷом расида буда, дорои хусусияти илмӣ таҷрибавӣ мебошад.

Кори диссертатсионӣ дар асоси маълумотҳои аввалияи таҳқиқот, ҳисобу китоб ва намунавӣ тартиб дода шудааст. Кор возеҳу равшан ва осонфаҳм

навишта шуда, хеле хуб ҷобаҷо карда шудааст. Автореферат қисмати асосии диссертатсияро дар бар гирифта тибқи талабот тартиб дода шудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсияи Каримзода Фирдавс Убайдулло дар мавзуи «Таҳияи шаклҳои доругӣ дар асоси дӯлонаи туркистонӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мерӯяд», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ пешниҳод гардидааст дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои фарматсевтӣ аз рӯйи ихтисоси 14.04.01 – Технологияи тавлиди доруворӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
ходими калони илмии муассисаи илмию
таҳқиқотии “Маркази инноватсионии
Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ”-и
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
номзади илмҳои фарматсевтӣ И. С. Гулмуродов
«07» майсоли 2025

Суроға: 74520, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи к.А.Савдо 4, х-2
Телефон: (+992) 905-77-00-66
E-mail: gulmurodov@mail.ru

Имзои Гулмуродов И.С. - ро тасдиқ мекунам,
Директори муассисаи илмию
таҳқиқотии “Маркази инноватсионии
Хитою Тоҷикистон оид ба маҳсулоти табиӣ”-и
Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктори илмҳои табиатшиносӣ С. Р. Нуъмонов

Суроғаи муассиса: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи Айни 299/2
Телефон: (+992) 93-417-32-62
E-mail: sodikjon82@gmail.ru
«07» майсоли 2025